**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи "Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ)**

Истиқлолият беҳтарин неъмат ва гаронмоятарин арзиш барои ҳар давлату миллат буда, омили аслии рушду тараққӣ маҳсуб меёбад. Соҳибистиқлолӣ, дар ҳақиқат, дар таърихи навини тоҷикон низ неъмати бузург ба ҳисоб рафта, на танҳо барои рушд ва инкишофи сохти давлатдорӣ мусоидат намуд, балки барои пешрафти илм, маориф ва фарҳанг низ имкониятҳои зиёде фароҳам овард. Дар илми таърихнигории муосири тоҷик ҳам дар солҳои соҳибистиқлолӣ тағйироти куллӣ ба вуҷуд омада, муаррихон имконият пайдо карданд, ки бештар бо назардошти арзишҳои миллӣ таърихи халқ ва миллату давлати худро ба таври воқеӣ омӯзанд ва ба ҳодисаҳои таърихӣ баҳо диҳанд. Дар ин росто омӯзиши ҷараёни инкишофи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар шароити дигаргуниҳои иҷтимоӣ – иқтисодии ҷумҳурӣ, таҷдиди назар намудани раванди таърихии онҳо дар замони шуравӣ ва алоқамандии он бо ҷомеа яке аз масъалаҳои ҳалталаби таърихнигории муосири Тоҷикистон мебошад. Пажӯҳиши мавзуи мазкур пеш аз ҳама саҳифаҳои норавшани таърихро бароямон равшан менамояд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти диссертатсионии Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи "Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)" мубрам ва саривақтӣ буда, барои рушду нумуи минбаъдаи театрҳои касбии вилоят мусоидат хоҳад кард.

Дар иртибот ба ин автореферати диссертатсияи Амроев Умедҷон Мамадхонович низ дорои аҳаммияти вижа буда, ба таври фишурда кори диссертатсионии ӯро ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ инъикос менамояд. Дар автореферат мубрамияту муҳиммияти илмӣ-назариявӣ ва амалии мавзуи

тадқиқот, мақсаду вазифаҳои он, дараҷаи омӯзиш, мавҷудияти сарчашмаҳо, давраҳо, назарияю усулҳои истифодашуда ва натиҷаҳои асосии кори тадқиқшаванда баррасӣ гардидаанд.

Дар қисмати «Тавсифи умумии кор» муаллиф доир ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ, предмети таҳқиқот, доираи хронологӣ, асоси назариявӣ-методологии пажӯҳиш, пойгоҳи сарчашмашиносӣ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои илмӣ ва сохтору ҳаҷми диссертатсия маълумоти зарурӣ пешниҳод намудааст.

Дар қисми «Мундариҷаи асосии диссертатсия»-и автореферат бошад муаллиф ба таври мушаххас дар бораи бобҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла дар бораи боби якум - “Вазъи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар даврони истиқлол” бо се зербоби он ва боби дуюм - “Инкишофи минбаъдаи театрҳои касбии вилоят» ва зербобҳои он маълумот додааст.

Дар хулоса натиҷаҳои умумии омӯзиш ҷамъбаст карда шуда, муаллиф барои рушди минбаъдаи театрҳои касбии вилояти Хатлон тавсияҳои судманд пешниҳод намудааст. Муқаррароти асосии дисертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз ҷумла: 6 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақолаи дар дигар нашрияҳо ба табъ расида, таҷассум ёфтаанд.

Амроев Умедҷон Мамадхонович дар натиҷаи истифодаи васеъ, таҳлили муқоисавию интиқодии маводи бойгонӣ ва адабиёти илмӣ тадқиқоти арзишманди илмӣ анҷом додааст.

Мавриди зикр аст, ки рисола бо забони ноби тоҷикӣ фасеҳу равон таълиф гардидааст.

Ҳамин тавр, кори анҷомдодаи унвонҷӯ дар такя ба сарчашмаю адабиёти илмӣ мустақилона иҷро гардида, муҳаққиқ тавонистааст, ки маводи нав ва арзишмандро пешниҳоди аҳли илм намояд. Хулосаҳо ва

тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистон дар заминаи ташкил ва рушду такомули театрҳои касбӣ хеле муфиданд.

Мазмуни диссертатсия дар мақолаю корҳои чопшудаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

Бо дарназардошти ин, метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи Амроев Умедҷон Мамадхонович дар мавзуи "Таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)" ба талаботи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) арзанда мебошад.

Сардори Шуъбаи таърихи нав ва навтарини
МД «Осорхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои таърих Фирдавси Абдулҳамид

23.05.24

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Исмоили Сомони 11. Тел: (+992 37) 227-15-08, 918544498. E-mail: museumtj@rambler.ru

Имзои Фирдавси Абдулҳамидро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Осорхонаи миллӣ Қадамова Ф.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ